*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич ба диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**I. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти анҷомдода ва мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар шароити имрӯза муҳим ва актуалӣ буда, ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараққиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.5. Устувории системаи бонкии ҶТ ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии ҶТ. 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо мувофиқат мекунад.

**II. Мубрамии мавзуи тахқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз механизмҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат рушди низоми бонкӣ ва дар заминаи ин додани имконият ба истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад. Бинобар ин, дар айни замон мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ аз

ҳама нуктаи назар муҳим ва зарурӣ буда, махсусан дар 5-10 соли охир ба он аҳамияти ҳамаҷониба дода мешавад. Илова бар ин гуфтан зарур аст, ки низоми бонкӣ дар баробари дигар низомҳои иқтисодӣ фаъол буда, вазифаҳои худро новобаста аз таъсири ҳар гуна омилҳои дохилию беруна ба пуррагӣ иҷро намуда истодааст.

Чи тавре ки рагҳо хунро дар организми инсон таъмин менамоянд ва солимии онҳо барои ҳаёт ва саломатӣ муҳим мебошад, бонкҳои тиҷоратӣ низ дар гардиши дуруст ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар иқтисодиёт чунин вазифаро иҷро менамоянд ва аз ҳамин лиҳоз бехатарӣ ва рушди онҳо дар иқтисодиёти миллӣ зарур мебошад. Инчунин дар натиҷаи таҳлил ва синтез камбудиҳо ошкор шуда, ислоҳи онҳо дар рушди низоми бонкӣ бо назардошти фарогирии як қатор масъалаҳои дигар актуалӣ ва рӯзмара мебошанд. Илова бар ин таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ низ мушаххасоти мавзӯи мазкурро бо таҳлилу баррасии як қатор нишондиҳандаҳо инъикос менамояд.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.**

Яке аз қисматҳои асосие, ки мавқеи муаллиф ва ҳиссаи онро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ муайян менамояд ин навгониҳои илмӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз дар навгониҳои илмии унвонҷӯ Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи “Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон” як қатор дастовардҳои ба мавзуъ нигаронидашударо мушоҳида кардан мукин аст. Дар сатҳи таҳқиқи мавзуъ масъалаҳои зерин ҳамчун навгонӣ оварда шудаанд:

- муаллифи рисола дар боби якуми рисола маҷмуи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар кишварро мавриди баррасӣ қарор дода, тамоили тағйирёбии онро аз нуқтаи назари маъхазҳои назариявӣ ва амалӣ муайян намудааст;

- унвонҷӯ хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ ва таҷрибаи ташкили рушди низомҳои бонкии кишварҳои хориҷро таҳқиқ намуда, мавқеи худро дар ин масъала муайян намудааст, ки навгонии илмӣ маҳсуб меёбад;

- вобаста ба тағйирёбанда будани авзои иқтисодии ҷаҳон ва таъсири доимии он ба низоми бонкӣ, муаллиф арзёбии ҳолати муосири низоми бонкии кишвар ва омилҳои таъсиррасон ба рушди бахши бонкиро таҳлилу баррасӣ намудааст;

- муаллифи рисола нақш ва мақоми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишварро таҳлил намуда, андозаи таъсири онро вобаста ба нишондиҳандаҳо ва коркардҳои олимони дохилию хориҷӣ муайян намудааст;

- қисмати дигари мавқеи муаллифро дар сатҳи таҳқиқи масъалаи мазкур самаранокии фаъолияти бонкӣ ва роҳҳои мукаммалсозии низоми бонкӣ дар шароити муосир ташкил медиҳад.

**IV. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Дар қисмати аввали рисола аҳамияти назарияи таҳқиқот аз таҳлили амиқи низоми бонкии кишвар ифода ёфтааст. Ҳамчунин хулосаҳои баровардашуда ва пешниҳодҳо таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи фаъолияти молиявӣ ташаккул ва пурра намуда, метавонанд дар заминаи назариявии рушди сиёсати молиявию иқтисодии давлат, ки барои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ, дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ равона карда шудааст, саҳме дошта бошанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти муаллифро асосан хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо ба ташаккули фондҳои илмӣ, барои таҳлили фаъолияти молиявӣ инчунин барои ҳолат ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда ташкил медиҳад. Инчунин маводҳои таҳқиқотиро метавон дар тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи фаъолияти молиявию бонкдорӣ истифода кард. Истифодаи маводҳои таҳқиқотӣ инчунин дар ҷараёни таълим дар таълими курсҳои "Кори бонкӣ ", "Бозори молиявӣ" ва "Муомилоти пулӣ ва қарз" ба нафъи кор мебошад.

**V. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо ҳамаи он марҳилаҳои тавсиявию банақшагирии рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф ба монанди интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ ва аҳамият, мақсад ва

вазифаҳои таҳкикот гузаронида шуданд. Муаллиф мукарраротӣ методологиро оид ба беҳтар намудани фаъолияти бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, таҳлили маълумотҳо ва нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ ва бозори молиявиро ақҷом додааст.

**VI. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Рисолаи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич аз мукаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва маколаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқикот ташаккул ёфта, ҳаҷми умумии кор 171 саҳифа, аз ҷумла 19 ҷадвал, 4 диаграмма ва 2 расмро ташкил медиҳад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 176 номгӯйро дар бар мегирад.

Ҳамчунин дар мукаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳкикоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳкикот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд.

Муаллиф дссертатсия дар боби якуми худ **«Ҷанбаҳои илмии ташаккулёбӣ ва рушди низоми бонкӣ»** масъалаҳои назариявии ташаккулёбии низоми бонкӣ, махсусияти рушди низоми бонкӣ дар шароити бозорро баррасӣ намуда, инчунин таҷрибаи ташкил ва рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ дар амалияи ҷаҳониро мавриди таҳлилу баррасӣ карор додааст ва мавкеи худро муайян неамудааст (саҳ. 12-55).

Дар ин боб муаллиф асосан сарчашмаҳои ташаккули низоми бонкӣ ва зарурияти иктисодии онҳоро дар шароити имрӯза таҳкик намудааст. Дар баррасии масъала унвонҷӯ аввал ба тафсири мафҳумҳои бонк аз нуктаи назари мактабҳои иктисодӣ ва сониян ба таърихи ташаккули он аҳамияти аввалиндараҷа додааст, ки моҳияти баррасии масъаларо мукаммал менамояд. Аз ин хотир ин гуна таҳкикот аз рӯи пайдарпайӣ кобили дастгирӣ мебошад (саҳ. 13). Илова бар ин, муаллифи рисола ба таърихи ташаккули низоми бонкӣ ва самтҳои рушди он аҳамияти аввалиндараҷа дода барои мукаммалгардонии он ба таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонкии хориҷ аҳамият додааст. Ҳамзамон бо ин барои баррасӣ ва расидан ба ҳадафҳои

таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ масоили мубрами махсусиятҳои низоми бонкӣ ва ҳисса ва мақоми онро дар сатҳи иқтисодиёт баррасӣ ва таҳлил намудааст, ки ин давоми мантиқии таҳқиқоти анҷомшуда мебошад (саҳ. 27-39).

Муаллифи диссертатсия хизматрасонии бонкиро ҳамчун субъекти фаъолияти бонкӣ дар муносибатҳои молиявию қарзии давлат зарур дониста, нақши онро низ дар пешрафти иқтисодиёти давлат муҳим арзёбӣ менамояд. Инчунин иброз менамояд, ки ба шарофати он ҳаракати самаранок ва оқилонаи маблағҳо сурат мегирад. Ба ақидаи муаллиф дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ қарздиҳандаи асосӣ ба иқтисодиёти кишвар бонкҳо мебошанд ва бонк ҳамчун ташкилоти қарзии махсусгардонидашуда дар бахши молиявии иқтисод мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Дар боби дуюми рисолаи илмии унвонҷӯ Олимов Умед бошад **“Ҳолати муосир ва таҳлили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** рушди низоми бонкии кишвар таҳлил гашта, шароит ва омилҳои муайянкунандаи рушди низоми бонкии кишвар ошкор гардидааст. Инчунин, дар боби мазкур нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардида, мавқеи он аз нуқтаи назари таҳлили нишондиҳандаҳо дар сатҳи баррасии натиҷаҳо муайян карда шудааст. Бояд иброз дошт, ки унвонҷӯ дар боби дуюм мукаммалан ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, бақияи пасандозҳо, динамикаи рушди қарзҳои низоми бонкӣ аз рӯи категорияҳои мизоҷон, ҳиссаи қарзҳо дар таркиби ММД, вазъи ташкилотҳои молиявии қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи суратҳисобҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намудааст(56-75).

Дар баёни масъала як нуқтаи назари унвонҷӯ қобили дастгирӣ мебошад, ки ӯ чунин ибрози назар намудааст: “дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ устувории низоми бонкии ҳар як кишвар асосан аз чунин шартҳои асосӣ, ба монанди суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва мавҷудияти инфрасохтори рушдёфтаи бозор муайян карда мешавад” (саҳ. 76). Ҳамчунин дар ин боб омилҳои ба низоми бонкӣ таъсиррасонандаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар ин самт мавқеи худро муайян

намудааст. Дар ин сатҳ масъалаи меҳварии дигар таъсири фоизҳои бонкӣ ба сатҳи фаъолияти бонкҳо ва рушди иқтисодиёт мебошад, ки ба ин масъала муаллиф аҳамияти аввалиндарҷа додааст (саҳ. 84-86). Нақши низоми бонкии кишвар дар рушди иқтисодиёт масъалаи дигари дар ин кор таҳқиқгардида мебошад, ки дар он як қатор муваффақиятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст (саҳ. 92-105).

Тибқи ақидаи муаллиф барои баланд бардоштани самаранокии бахши бонкӣ дороиҳои бонкӣ дар системаи тадбирҳои таъмини амнияти молиявӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бинобар ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини муассисаҳои молиявӣ зиёд намудани дороиҳои бонк тавассути татбиқи амалиёти гуногуни фаъол, аз қабили маблағгузорӣ, қарздиҳӣ, сармоягузорӣ ва дигар амалиётҳо мебошад. Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки афзоиши дороиҳо муҳимтарин нишондиҳандаи рушди институтҳои молиявӣ буда, ба рушди иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад (саҳ.63).

Дар боби сеюми рисола ҳамчун натиҷаи ниҳоии таҳқиқот ба масъала **“Такмили низоми бонкӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ”** самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, масъалаҳои ташаккули стратегияи рушди низоми бонкӣ дар кишвар баррасӣ гардидааст. Инчунин дар ин боб роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар ин боб унвонҷӯ дар доираи имкониятҳои мавҷудаи низомии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мубрами самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкии кишварро таҳқиқ намуда, як қатор пешниҳодҳои ҳадафманд намудааст, ки дар амал татбиқ намудани онҳо муҳимияти масъаларо беҳтар менамояд. Ҳамчуни муаллиф барои фаъолгардонии бахши бонкӣ ва солимгардонии муҳити фаъолияти он стратегияи рушди низоми бонкиро таҳқиқ намуда, мавқеи худро дарояндабинии он муайян ва пешниҳод намудааст (саҳ. 119). Ғайр аз ин, дар шароити мураккаб будани вазъияти иқтисодии давлат унвонҷӯ роҳҳои

самараноки баланд бардоштани низоми бонкиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки дар ниҳояти рисола масоили мубрами ҳолати низоми бонкиро инъикос менамояд (саҳ. 134-148).

Муаллифи диссертатсия роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкиро муфассал овардааст, ки он аз такмили муҳити ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати менеҷмент ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди рақобат дар бозори молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои молиявию қарзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири илмталаб ва иттилоотӣ дар бахши бонкӣ, таъсиси марказҳои нави хизматрасонии молиявӣ, истифодаи воситаҳои арзёбии хавфҳо ва усулҳои назорати пешниҳоднамудаи Созишномаи Базел ва ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон иборат буда, боиси дастгирӣ мебошад (саҳ.144).

**VII. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Чуноне, ки бармеояд аз экспертизаи диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

**VIII. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Қайд кардан зарур аст, ки дар баробари муваффақиятҳои диссертасияи илмии Олимов Умедҷон як қатор норасоиҳое, ки ҳангоми ба онҳо аҳамият додан сифати рисола метавонист боз ҳам беҳтар гардад. Аз ин лиҳоз чунин норасоиҳо ошкор карда шуд:

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф дар охири ҳар як зербоб ва бобҳо хулосаи баровардa, мавқеи худро вобаста ба натиҷаҳои таҳлил муайян менамуд.

2. Мавқеи муаллиф вобаста ба сохтани расм ва дигар кашфиётҳои фарогир ва таҳлилшаванд камтар ба назар мерасад. Кор бурд мекард агар муаллиф таҳлили омилии баррасии масъаларо вобаста ба таҳия намудани расмҳо муайян ва пешниҳод менамуд.

3.Дар параграфи 2.3 – и боби дуюм рисолаи илмии унвонҷӯ, ки «Нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар» ном дорад, мавқеи муаллиф вобаста ба факту рақамҳо дар шакли ҷадвал ва диаграмма кам ба назар расида, аз иқтибосҳои зиёд истифода намудааст, ки чунин ҳолат дар параграфи зерин мавқеи муаллифро вобаста ба натиҷа коста мегардонад. Сифати кор хубтар мешуд агар унвонҷӯ вобаста ба натиҷаҳои таҳлил ҳиссаи низоми бонкиро дар рушди иқтисодиёт вобаста ба мавқеи худ муайян менамуд.

4. солҳо таҳлилшаванда дар ҷадвалу диаграммаҳо гуногунанд ва онҳо агар як давраи муайянро дар бар мегирифтанд боз ҳам барои таҳлил хубтар мегардид.

5. Вобаста ба натиҷаҳои таҳлил сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф вобаста пешниҳодҳои худ мавқеи худро муайян менамуд.

Бояд иброз намуд, ки эродҳои гирифташуда дар маҷмӯъ ҷиддӣ набуда, аксари онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Меъёри дигаре,** ки амсилаҳои таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯро инъикос менамоянд, ин нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ мебошад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқотро муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 4,0 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

**IX. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Олимов Умедҷон Махмадшоевич ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 тахти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**X. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд ва дар умум, кори таҳқиқотии мазкур пурра бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" нишон дод, ки он аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**н.и.и., мудири кафедраи**
**фаъолияти бонкии ДДТТ** Ҳалимов Л.М.

**Имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** Пирзода С.С.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; к. Деҳотӣ
**Тел.:** +992 (37) 234-83-46
**E-mail.:** mail@ddtt.tj
Сомона: www.tguk.tj